**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати таҷдид ва азнавсозии тамоми самтҳои муҳими иқтисодиёт, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои бонкӣро ба миён овард. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба ҳам пайвастани равандҳо ва ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, васеъ паҳн шудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳамияти бештар пайдо мекунад. Зарурати ҳамаи ин масъалаҳоро ба инобат гирифта, мавзуи интихобшуда аз якчанд нуқтаи назар актуалӣ ва зарурӣ мебошад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки мавзуи интихобшуда дар шароити имрӯз зарурӣ ва саривақтӣ буда, аз ҳар як муҳаққиқ коркардҳои ҷиддиро тақозо менамояд.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани фарогирии молиявии аҳолӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳумҳои наве, ки механизми фаъолияти соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, истифода шаванд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар замони истиқлолият фарогир ва таъсиррасон ба тамоми ҷомеаи имрӯза мебошад.

Вобаста ба талаботи ҷомеа расонидани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар шароити мавҷудияти рақобати комил тавассути институтҳои бонкӣ ҳамчун заминаи инфраструктураи истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ барои эҳтиёҷоти корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз шартҳои асосии рақобатпазирии ташклотҳои қарзӣ мебошад. Гуфтан зарур аст, ки андешаҳои илмии унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомдодааш муваффақиятҳои онро ифода менамод. Бо ин ҳама муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд, агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ дар муқаддимаи диссертатсия вобастагии масъалаҳои баррасишавандаро дар самти такмили бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз нуқтаи назари омилҳо мавриди баррасӣ мекард.

2. Агар унвонҷӯ нуқтаи назари олимони ватаниро дар самти масъалаи баррасишаванда мавриди истифода қарор медод, таҳқиқоти ӯ комилтар мешуд.

3. Дар таҳқиқоти баанҷомрасида хуб мешуд агар унвонҷӯ ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкиро вобаста ба иқтидори захиравии бонкҳо мавриди таҳқиқ қарор медод ва ин ҳиссаро дар сатҳи зарурӣ муайян менамуд.

Гуфтан бамаврид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Директори колеҷи техникии
ДТТ ба номи академик М.Осимӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Холматиён Р.

Дурустии имзои Холматиён Р.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
колеҷи техникии ДТТ ба номи
академик М.Осимӣ Сангов А.